**Дастурамал**

дар бораи тартиби пур кардани шаклҳои ҳисоботи омории давлатӣ оид ба омори молия аз тарафи субъектҳои хоҷагидор

**Шакли №1-молия, семоҳа- солона, Ҳисобот дар бораи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявӣ ва қарздории корхона (ташкилот)**

Ҳамаи субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ, корхонаю ташкилотҳои кооперативи истеҳсолӣ, ки дар ҳисобу китоби хоҷагӣ қарор доранду тарози (баланси) мустақил доранд ва шахси ҳуқуқӣ мебошанд, ҳамчунин ташкилотҳое, ки дар ҳисобу китоби хоҷагӣ қарор надоранду аммо аз хоҷагидорӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва ғайра даромад (фоида) мегиранд, ҳисоботи мазкуро пешниҳод менамоянд.

*Дар сатри 001* “Пули накд (нетто) аз фурӯши молҳо, маҳсулот, кор ва хизмат (бе андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва дигар андоз аз маҳсулот) нишон дода мешавад: пули нақд аз фурӯши молҳо ва маҳсулот; мадохилоти вобаста ба иҷрои кор ва хизматрасонӣ ва ба амал баровардани амалиёти хоҷагидорӣ, ки даромад аз фаъолияти намудҳои маъмули мебошад, корхона дар ҳисоби муҳосибавӣ мувофиқи шароитҳои муайян шуда барои этироф кардани вай аз ҷониби санадҳои меъёри эътироф карда шудааст.

Пули нақд бо маблағ, бо ифодаи пул ҳисоб карда, аз ҷумла шартҳои созишномаҳо оид ба фурӯши молҳо, маҳсулот иҷрои кору хизматрасонӣ (бо назордошти кам (зиёд кардани нарх, фарқияти маблағ, тағйироти шартҳои созишнома, ҳисоби воситаҳои ғайрипулӣ ва ғайраҳо) нишон дода мешаванд.

Корхонаҳое, ки барои муайян намудани пули нақд аз фурӯш ва натиҷаҳои молиявӣ то лаҳзаи ба фурӯш баровардани маҳсулот (иҷрои кору хизматрасонӣ) ба онҳо иҷозат дода шудааст, пули нақдро ба андозаи арзиши маҳсулоти фурӯхташуда (кору хизматрасонӣ) баъди ба фурӯш баровардани маҳсулот (иҷрои кору хизматрасонӣ ва пешниҳоди хуҷҷатҳои ҳисобу китоби харидорон ҳисоб мекунанд;

Корхонаҳои ғайритиҷорати, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ даромад мегиранд, мувофиқи қоидаҳои инъикоси пули нақди корхонаҳои тиҷоратӣ пули нақдро инъикос менамоянд.

*Дар сатри 002* «Хароҷот барои истеҳсоли молҳои фурӯхташуда, маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ» нишон дода мешавад;

- корхонаҳои истеҳсолӣ- хароҷот барои истеҳсоли маҳсулоти (кору хизмати) фурӯхташуда;
- корхонаҳое, ки фаъолияти худро дар соҳаҳои савдо ва хӯроки умумӣ ба хароҷоти муомилоте, ки барои фурӯши молҳои ба фурӯш баровардашуда, маҳсулот, кору хизматрасонӣ ба амал мебароранд;
- ташкилотҳое, ки дар ҳисоби ҳоҷагӣ қарор надоранду аммо аз фаъолияти хоҷагидорӣ ва ғайраҳо даромад мегиранд, хароҷотро дар бораи тиҷорати амалӣ сохтани ин фаъолиятҳо нишон медиҳанд.

*Дар сатрҳои 003* «Хароҷоти тиҷоратӣ (хароҷоти муомилот)» корхонаҳои истеҳсолӣ хароҷотро дар бораи фурӯши маҳсулот инъикос менамоянд.

Корхонаҳои савдо, таъминоту фурӯш ва миёнарав маблағи хароҷоти муомилотро, ки ба ҳисоби муҳосибавии баҳисобгирӣ ба ҳисоб гирифта шуданду ба молҳои фурӯхташуда ва санадшуда тааллуқ доранд, инъикос мешаванд.

Тартиби тақсими хароҷоти муомилот дар байни молҳои фурӯхташуда ва боқимондаи молҳо дар давраи ҳисобот ба таври анъанавӣ боқӣ мемонад, яъне мисли пештара ҳисобу китоби дахлдор тартиб дода мешавад.

*Дар сатри 004* «Хароҷоти идоракунӣ» дар ҳамин ҳолате аз тарафи корхонаҳои истеҳсолӣ пур карда мешавад, ки хароҷоти идоракунӣ дар ҳисоби 26 «Хароҷоти

умумихоҷагӣ» ба назар гирифта шудаанд, мутобиқ дар сиёсати ҳисоби муқараршуда ба санад хароҷот расонда мешавад.

Корхонаҳои савдо, таъминоту фурӯш сатри мазкурро пур намекунанд.

Корхонаҳои касбии иштирокчиёни бозори қоғазҳои қимматнок дар сатри мазкур маблағи хароҷоти фаъолияташонро инъикос менамояд.

*Дар сатри 005* «Фоида (зарар) аз фурӯши молҳо» бо роҳи ҳисобу китоби пули нақди холис - арзёбӣ тарҳи арзиши аслии пурраи маҳсулоти фурӯхташуда, кору хизматрасонӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва арзиши аслии амалии молҳои фурӯхташуда дар корхонаҳои савдо муайян карда мешавад.

*Дар сатри 006* «Фоизҳои гирифташуда» маблағҳои ҳисобшаванда мувофиқи фоизҳои дар созишномаҳо нишондода шуда инъикос карда мешавад:

- аз рӯи вомбаргҳо аз амонатҳо, аз рӯи қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва ғайраҳо;
- барои пешниҳоди пул ҷиҳати истифодаи корхона;
- барои истифодаи муассисаҳои қарздиҳандаи маблағҳо, ки дар корхонаи муассисаи қарздиҳанда қарор дорад.

*Дар сатри 007* «Фоизҳои пардохт» маблағҳои ҳисобшаванда мувофиқи қарордодҳо ҷиҳати пардохти фоизҳо инъикос карда мешавад:

- аз рӯи вомбаргҳо ва саҳмияҳо;
- барои пешниҳоди маблағҳо (қарзҳо, ва молҳо) ҷиҳати истифодаи корхона.

Фоизҳои пардохтшуда аз рӯи маблағҳои қарзӣ, ҳангоме, ки онҳо то санаи қабули арзишҳо ба ҳисоб барои харидани захираҳои моддию истеҳсолӣ гирифта шудаанд, ба арзиши аслии захираҳои моддию истеҳсолӣ ҳамроҳ карда мешавад.

*Дар сатри 008* «Даромадҳо аз иштирок дар дигар ташкилотҳо» даромадҳо вобаста ба иштирок ба сармояи оинномавии дигар корхонаҳо, ки аз рӯи мӯҳлат мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ барои гирифтан тааллуқ доранд.

*Дар сатри 009* «Даромадҳо аз амалиёти ба гардиши амвол алоқаманд» ва *дар сатри 010* «Хароҷот аз рӯи амалиёти ба гардиши амвол алоқаманд» маълумотҳо аз рӯи амалиётҳои вобаста, чун қоида, бо гардиши амволи корхонаҳо инъикос карда мешаванд:

- фурӯши воситаҳои асосӣ ва дигар амвол;
- ба иҷора додани амвол;
- таъмину нигоҳдории иқтидорҳо ва объектҳои истеҳсолие, ки сохтмонашон қатъ гардидааст;
- барҳам додани фармоишҳо (қарордодҳои) истеҳсолӣ;
- қатъ кардан, боз доштани истеҳсолоте, ки маҳсулот истеҳсол намекунанд;
- маблағи ҳисобшаванда ҷиҳати пардохти намудҳои ҷудоганаи андозҳо ва пардохтҳо аз ҳисоби натиҷаҳои молиявӣ мувофиқи тартиботи муқаррар кардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Дар сатри 011* «Фоида (зарар) аз фаъолияти хоҷагӣ-молиявӣ (кору хизматрасонӣ)» натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯши маҳсулот, молҳо, кору хизматрасонӣ нишон дода мешавад. Фарқияти пули нақд (холис) аз фурӯши маҳсулот (кору хизматрасонӣ) бо нархҳои амалкунанда бе андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва андоз аз фурӯши вай муайян карда мешавад.

*Дар сатри 012* «Дигар даромадҳои ғайрисавдо» инъикос карда мешаванд:

- маблағҳои қарздории кредиторӣ ва депонентӣ (амонатгузорӣ), ки мӯҳлати баргардониданашон гузаштааст;
- ҷаримаҳо, пенаҳо, ҷаримаи вайрон кардани аҳдномаҳо, ки мувофиқи қарори суд аз онҳо ситонида шудаанд;
- мудохилот аз боз гардонидани зарари ба корхона расонидашуда;

- даромади мутобиқи тартиботи муқарраршуда муайян гардида, ки ба гирифтани дороиҳои ройгон вобаста шаванд, аз он ҷумла аз рӯи қарордод подошшуда;

- фоидаи солҳои гузашта, ки дар соли ҳисобот ошкор карда шудааст;

- амволи ба ҳисоб гирифташуда, ки дар натиҷаи инвентаризатсияи зиёдатӣ мебошанд;

- маблағи дороиҳои то арзёбӣ (истисноӣ ғайри кор кардашуда) дар мавридҳои иҷозат додашуда;

- пардохтҳои иловагӣ ҳисобшаванда ҷиҳати гирифтан аз рӯи муқаррар кардаи Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тамоюлоти андози ҳисобшавандаи амалӣ аз фоида нисбат ба пешпардохтҳои амалӣ);

- фарқияти маблағҳое, ки ба сабаби бозгардонидани қарзҳо аз рӯи қарзҳои гирифташуда (додашуда) – и вомҳо ба вуҷуд меоянд;

- фарқияти қурби пулҳо, ки ҳангоми аз нав баҳо додан мутобиқи тартиботи муқарраршуда ба амвол ва ӯҳдадориҳо бо ифодаи асъори хориҷӣ ба вуҷуд меоянд;

- дигар даромадҳое, ки аз рӯи қарзи ҳисоби дахлдор тааллуқ дорад.

*Дар сатри 013* «Дигар хароҷоти ғайрисавдо» инъикос карда мешаванд:

- маблағи аз арзон кардани дороиҳо (ба истисноӣ ғайригардиш) дар ҳолатҳои иҷозат додашуда (захираҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти тайёр, молҳои дар охири соли ҳисобот);

- маблағҳои қарздории дебиторӣ, ки муҳлати пардохташон кайҳо тамом шудааст;

- маблағҳои қарзҳои ғайриасосӣ барои ситонидан;

- ҷаримаҳо, пинаҳо барои вайрон кардани шартҳои аҳдномаҳо, ки корхонаҳои қарздор эътироф кардаанд :

- зарарҳои солҳои гузашта, ки дар соли ҳисобот ошкор карда шуданд;

- бозгардонидани зарарҳои расонида шуда ба корхона;

- фарқияти қурби пулҳо, ки мувофиқи тартиботи муқарраршуда ҳангоми азнав арзёбӣ кардани амвол ва уҳдадориҳо бо ифодаи асъори хориҷӣ ба вуҷуд омадаанд;

- зарарҳо аз рӯи санади масрафи қарзҳои пештар ҳукмшуда аз рӯи дуздӣ, ки ба сабаби қобилият надоштани ҷавобдиҳанда ҳуҷҷатҳои иҷроияро суд баргардонидааст;

- зарарҳо аз дуздидани маводҳои арзишнок ва ғайраҳо, ки мувофиқи қарори суд гунаҳгор муайян карда нашудааст;

- хароҷоти судӣ;

- фарқияти маблағҳое, ки бо сабаби боз гардонидани қарздорӣ аз рӯи қарзҳои гирифташуда, вомҳои гирифташуда (додашуда) ба вуҷуд омадаанд;

- зарарҳо аз хориҷ кардан ва дигар санадҳои масрафи амвол, ки дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ ҳангоми хориҷ шудани объектҳои воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳо дар натиҷаи корношоямӣ барои баҳрабардории минбаъда, фарсудашавӣ, гум кардани қобилияти истифода, мувофиқи аҳднома ҳамчун туҳфа бахшидашуда ошкор карда шудаанд, бинобар ин сабаби ба даст надаромадани даромадҳои муайян мебошад;

- дигар хароҷоте, ки аз рӯи дебети ҳисоби дахлдор барои инъикос кардан тааллуқ доранд.

*Дар сатри 014* "Фоида (зарар)-и давраи ҳисобот" аз ҷамъбасти сатрҳои 011 ва 012 ва тарҳи сатри 013 ҳосил мешавад.

Дар сатри 015 аз рӯи моддаи "Андоз аз фоида" тавсиф дар ҳисобҳои муҳосибӣ оид ба ҳаҷми маблағи андоз аз фоида (даромад), ки корхонаҳо мутобиқи қонунгузории муқарраршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб намудаанд, нишон дода мешавад. .

Дар сатри 016 аз рӯи моддаи “воситаҳои мавҳум” маблағе нишон дода мешавад, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ аз руи дебити “Истифодаи фоида” ба ҳисоб гирифта шудааст :

пардохти ҳисобшуда ба буҷет аз ҳисоби фоидаи боқимонда дар ихтиёри ташкилот ва андешидани ба ҳисоби «Истифодаи фоида»:

маблағҷудокунӣ барои мақсадҳои хайриявӣ:

маблағҷудокунӣ барои таъсиси сармояи захиравӣ, сармоя барои андӯхт ва истеъмолӣ ва фондҳои дигар, агар таъсиси онҳо дар ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ ва сиёсати баҳисобгирӣ қабул шуда бошад. Дар сурате, ки агар ташкилот фондҳои номбаршударо таъсис намедиҳад, аз рӯи моддаи мазкур хароҷотҳои мувофиқи ба ҳисоби фоида боқимондаи дар ихтиёри ташкилот вогузоршуда (ба истиснои хароҷот барои сармоягузориҳо ва сармоягузориҳои дигар молиявии дарозмуддат) нишон дода мешаванд.

*Дар сатри 017* «Фоида (зарар) - и тақсимнашавандаи давраи ҳисобот» дар давоми сол фоида (зарар) - и тақсимнашавандаи давраи ҳисобот ва маблағи холис (нетто) нишон дода мешавад Вай ҳамчун фарқи байни натиҷаи молиявӣ дар давраи ҳисобот ва ҳисобшаванда ҷиҳати пардохти маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба ҳамин монанд аз ҳисоби фоидаҳо мувофиқи қонунгузорӣ ҳисоб карда шавад.

Дар фасли 018 «Барои маълумот» маълумотҳо дар бораи маблағи фоидаи ба ихтиёри корхона таъаллуқ дошта, арзиши миёнаи воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ, фондҳои гардишкунандаи моддӣ ва шумораи миёна дар руйхат будаи кормандон оварда мешаванд.

Дар сатри 019 Арзиши миёнаи воситаҳои асосӣ аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад: ҷамъи 50 фоизи бақия дар оғози давра, 50 фоизи бақия дар охири давра ва 100 фоизи бақияи дигар давраҳо гирифта шуда, ба миқдори моҳҳои давраи ҳисоботӣ тақсим карда мешавад.

Дар фасли II «Истифодаи маблағ» самтҳои амали истифодаи маблағҳои худӣ ва ҷалб кардашудаи корхона инъикос карда мешаванд.

*Дар сатри 023* ба сатри 069 сутуни 2 баробар мешавад.

*Дар сатри 024* ба сатри 070 сутуни 2 баробар мешавад.

*Дар сатри 025* самтҳои маблағҳо «Барои рушд ва такмили истеҳсолот», яъне барои инкишоф додани корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар ба ҳамин мақсадҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинӣ шудаанд, барои таъсиси амволи нави корхонаҳо, барои баргардонидан, адо кардани қарзҳои бонк, пардохти фоизҳо оид ба қарзҳои илова аз муқаррарот, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, пардохти фоизҳои қарзҳо (ссудаҳо), барои пурра кардани камбудиҳои воситаҳои гардиши худӣ барои харидани воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ, инчунин барои қарзҳои (ссудаҳо) муҳлатнок кутоҳ, ва дарозмуддат гирифташуда нишон дода мешавад.

*Дар сатри 036* «Барои рушди иҷтимоӣ» маблағҳо (фоидаҳо ва ғайраҳо) - ё ки барои татбиқи тадбирҳои оид ба рушди иҷтимоии корхонаҳо ва дигар ба ҳамин монанд чорабиниҳо ва корҳое, ки барои ташкили амволи навъи корхонаҳо оварда намешаванд, нишон дода мешаванд.

*Дар сатри 043* «Пардохтҳо ба кормандоне, ки ба фонди музди меҳнат дохил мешаванд» хароҷоти вобаста ба пардохти пули нақд ба кормандони кор кунандае, ки ба восита ба пардохти музди меҳнат вобаста нестанд (мукофотпулӣ аз рӯи ҷамъбасти корҳои солона, подоши яквақта, кӯмаки моддӣ, пардохти кӯмакпулии яквақта барои ба нафақа баромадан, иловапулӣ ба нафақаҳо ва дигар намудҳои пардохт).

*Дар сатри 045* «Пардохтҳои хоси иҷтимоӣ» хароҷоти ба пардохти пули нақд вобастанабуда (барои арзон кардани арзиши хӯрок ва тақвияти ғизо, имтиёзҳо ба қисми пардохти рафту омад ба ҷои кор бо нақлиёти истифодаи умумӣ, пардохтани арзиши пардохти хонапулӣ ба коргарон, харидани доруворӣ барои муассисаҳои табобатию беҳдоштие, ки дар тарози (баланси) корхонаҳо қарор доранд ва дигар

хизматҳое, ки дар ширкатҳои ройгон ё имтиёзнок пешниҳод карда мешаванд) инъикос карда мешаванд.

*Дар сатри 054* «Дигар хароҷотҳо ва пардохтҳо» хароҷоте, ки дар сатрҳои гузашта номбар карда нашудаанд (ғайр аз маблағҳое, ки ба арзиши аслӣҳамроҳ карда мешаванд) инъикос карда мешаванд.

Дар қисми 1. «Барои маълумот» «Пардохт ба буҷет» пардохтҳо ба буҷете, ки корхонаҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо мувофиқи қонунгузории андози ҷумҳурӣ анҷом медиҳанд, нишон дода мешаванд.

Дар қисми 2. «Пардохтҳо ба фондҳои ғайрибуҷетӣ ва дигар фондҳо» пардохтҳои анҷомдодаи корхонаҳо мувофиқи қонунгузории амалкунанда нишон дода мешаванд.

Дар фасли III. «Ҳолати ҳисобу китоб бо корхона ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ» маълумотҳо бо сомонӣ нишон дода мешаванд.

Дар *сутуни Б* номгӯи давлатҳои хориҷи дуру наздик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корхона бо онҳо ҳисобу китоб дорад, оварда шудааст.

Дар *сутуни 01*«Ҳаҷми маҳсулоти ба фуруш баровардашуда, корҳои иҷрошуда, хизматҳои расонидашуда (бо нархҳои фуруш) дар давраи ҳисоботӣ» нишон дода мешавад.

Дар *сутуни 02* «Қарздории дебиторӣ-ҳамагӣ» бояд қарздории харидорон барои мол, кор, хизматҳои ба берун баровардашуда бо нархи фуруш, ҳисобу китоб бо буҷет, ҳисобу китоб бо дигар дебиторҳо инъикос карда шуда, дар сутуни 03 «аз он мӯҳлаташ гузашта» нишон дода мешавад.

Дар *сутуни 02* маълумотҳо оид ба қарздории дебитории тиҷоратӣ ва қарздории дебитори дарозмуҳлат оварда мешаванд.

**«Қарздории дебитории тиҷоратӣ»**

Дар ин сутун ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ бақияи ҳисоби давраи ҳисоботӣ оиди қарздории дебитории тиҷоратӣ, яъне қарздорие, ки ҳангоми фурӯши молҳо ва пешниҳоди хизматҳо ба қарз пайдо гардида ва барои пардохт дар давоми 1 соли баъди давраи ҳисоботӣ пешбинӣ карда шудааст, инъикос карда мешавад. Мувофиқи СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» қарздории дебитории кӯтоҳмуддат дар пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ бо арзиши аввалае, ки дар шартнома бо назардошти тарҳи баҳодиҳии зарар аз қарздории беэътимод (ҳисоби 10430) нишон дода шудааст, бояд пешниҳод карда шавад. Сутуни мазкур бақияи ҳисобҳои гурӯҳи 10400 «Қарздории дебитории тиҷоратӣ» (10410,10420 бо тарҳи ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои беэътимод» ) - ро дар ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ, ҷамъбаст менамояд.

**«Қарздории дебиторӣ»**

Дар сутуни мазкур бақияи ҳисоби қарздории дебитории дарозмӯҳлати корхона бо мӯҳлати пардохти зиёда аз як сол ба ҳисоб гирифта мешавад. Қарздории дарозмӯҳлати дебиторӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- қарздории дарозмуддати дебитории харидорон ва фармоишгарон;
- векселҳои (васиқаҳои) гирифташуда;
- хароҷоти ба таъхирмондаи дарозмуддат;
- дигар қарздории дебитории дарозмуддат (қарздории дебитории кормандон ва роҳбарият: қарздории дебитории корхонаҳои муттаҳидкардашудава ғ.).

Сутуни мазкур бақияи ҷамъшудаи ҳисоби гурӯҳи 11800 «Қарздории дебитории дарозмӯҳлат» - ро дар ҳисоботоидиҳолатимолиявӣинъикосменамояд.

**Дар *сутуни 02*** «Қарздории дебиторӣ-ҳамагӣ» Қарздории дебиторӣ тиҷоратӣ (10400), Дигар қарздории дебиторӣ (10500), Хароҷотҳои пардохтшуда (10800) ва қарздории дебитории дарозмуддат (11800) аз тавозун (баланс) гирифта шудааст.

Дар сутуни 04 Дохил мешавад, Қарздории дебитории тиҷоратӣ (10400), пешпартдохт ба таъминкунандагон (10510), қарздории супоришдиҳандагон аз рӯи шартномаи сохтмон (10570), хароҷотҳои пешпардохтшуда (10800) ва қарздории дебитории дарозмуддати харидорон ва Фармоишгарон (11810).

Дар *сутуни 06* «Қарздории кредиторӣ-ҳамагӣ» қарзҳо барои таъмини молҳо, корҳо, хизматҳо ба таъминкунандагон, қарздории буҷет ва дигар кредиторҳо нишон дода шуда, дар сутуни 07 «аз он мӯҳлаташ гузашта» нишон дода мешавад.

Дар *сутуни 06* Қарздории кредитории тиҷоратӣ (22000) ҳамроҳ карда мешавад, Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ (22100), Андозҳо барои пардохт (22300) ва дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат (22500) аз тавозун (баланс) гирифта шудааст.

*Дар сутуни 08* аз тавозун Қарздории кредитории тиҷоратӣ (22000) аз тавозун (баланс) гирифта шудааст.

Дар *сутуни 10* «Қарздорӣ аз рӯи вомбаргҳои гирифташуда»(ҳисобиҳои 22610, 22640) ва дар сутуни 12 «Қарздорӣ аз рӯи қарзҳои бонкҳо» (ҳисобҳои 22620, 22630) нишон дода мешаванд.

Раёсати системаи ҳисобҳои
миллӣ ва омори молия